# Эй амакам, Ло илоҳа илло Аллоҳ, бигӯ, калимае, ки бо он назди Аллоҳ аз ту дифоъ кунам

Саъид ибни Мусайиб аз падараш ривоят кардааст, ки гуфт: Ҳангоме, ки вафоти Абутолиб фаро расид, Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ба назди ӯ омад, Абуҷаҳл ва Абдуллоҳ ибни Абу-Умайя ибни Муғираро бо ӯ ёфт. Хитоб ба сӯи амакаш фармуд: " Эй амакам, Ло илоҳа илло Аллоҳ, бигӯ, калимае, ки бо он назди Аллоҳ аз ту дифоъ кунам", Абуҷаҳл ва Абдуллоҳ ибни Абу-Умайя гуфтанд: Оё аз дини Абдулмутталиб рӯй мегардонӣ?. Пас Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ин суханро пайваста бар ӯ пешниҳод мекард ва онон низ он суханро такрор мекарданд, то онки Абутолиб дар охирин суханаш ба онон гуфт: Бар дини Абдулмутталиб ҳастам ва аз гуфтани Ло илоҳа илло Аллоҳ, ибо варзид. Ровӣ мегӯяд: Расули Аллоҳ (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: " Ба Аллоҳ савганд то вақте ки наҳйи нашавам, бароят истиғфор мекунам", Пас Аллоҳ Таоло ин оятро нозил кард: (Барои Паёмбар ва касоне, ки имон овarданд, сазовор нест, ки барои мушрикон, пас аз инки бар эшон ошкор шуд, ки онон аҳли дӯзаханд, омурзиш бихоҳанд,) (Тавба 113). Аллоҳ Таоло дар бораи Абутолиб ин оятро хитоб бар Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) нозил кард: ([Эй Паёмбар] Бе тардид, ту ҳар киро дӯст дошта бошӣ, наметавонӣ [ба иҷбор ба роҳи рост] ҳидоят кунӣ, балки Аллоҳ таоло аст, ки ҳар касро бихоҳад, ҳидоят мекунад) (Қасас 56)

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) назди амакаш, ки дар ҳоли ҷон супурдан буд, даромад ва ба ӯ гуфт: Эй амак! "Ло илоҳа илло Аллоҳ" бигӯ, сухане, ки бо он назди Аллоҳ Таоло ба нафъат гувоҳӣ диҳам, Абуҷаҳл ва Абдуллоҳ ибни Абу-Умайя гуфтанд: Эй Абутолиб! дини падарат, Абдулмутталибро тарк мекунӣ? Муродашон ибодати бутҳо буд, Ва ин суханро онқадар такрор карданд, ки охирин сухане, ки ба онон гуфт, ин буд: Бар дини Абдулмутталиб ҳастам, дини ширк ва ибодати бутҳо. Пас Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: То вақте, ки парвардигорам манро манъ накунад, барои талаби мағфират мекунам, пас ин сухани Аллоҳ Таоло нозил шуд: (Барои Паёмбар ва касоне, ки имон оварданд, сазовор нест, ки барои мушрикон, пас аз инки бар эшон ошкор шуд, ки онон аҳли дӯзаханд, омурзиш бихоҳанд, ҳарчанд аз наздикон бошанд.) (Тавба: 113) Ва дар бораи Абутолиб ин сухани Аллоҳ Таоло нозил шуд, ки: ([Эй Паёмбар] Бе тардид, ту ҳар киро дӯст дошта бошӣ, наметавонӣ [ба иҷбор ба роҳи рост] ҳидоят кунӣ, балки Аллоҳ таоло аст, ки ҳар касро бихоҳад, ҳидоят мекунад ва Ӯ ба [ҳоли] роҳёфтагон донотар аст.) (Қасас: 56) Дар ҳақиқат, ту наметавони касеро ба муҷарради онки хоҳони ҳидоят ёфтанаш ҳастӣ, ҳидоят куни, балки вазифаи ту расондани паём аст ва Аллоҳ Таоло ҳаркиро бихоҳад ҳидоят мекунад.